YANGI O‘ZBEKISTON, YANGI TADQIQOTLAR JURNALI
Volume 4 Issue 9 May 2026
https://phoenixpublication.net/ Online ISSN: 3030-3494

# НОМИ БОНУВОН ДАР “ШОҲНОМА”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ
# ABULQOSIM FIRDAVSIYNING “SHOHNOMA”-SIDA AYOLLAR ISMLARI.

**Анварова Таҳмина Бахтиёр қизи**
*хатмкунандаи факултаи Филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов*
*E-mail: anvarovat75@gmail/.com*
*Тел.: (+998) 94-698-18-04*

**АННОТАТСИЯ**

*“Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ дар адабиёти форсу тоҷик мавқеи беназир дорад. Он на танҳо ҳамчун достони қаҳрамонӣ балки ҳамчун асари таърихӣ ба мо факту далелҳои ҷолиби диққатро тақдим мекунад. Аз ҷумла номгузории тоҷикӣ барои бонувон мавқеи хосса дорад. Мо дар ин мақола кӯшиш намудем, ки мавқеи номҳои занона ва хусусияти решагиву таърихии баъзеи онҳоро мавриди баррасӣ қарор диҳем.*

**Калидвожаҳо:** *Шоҳнома, ном, номи занҳо, маънои луғавӣ, ономастика, топономика.*

**ANNOTATSIYA**

*Abulqosim Firdavsiyning “Shohnoma” asari fors-tojik adabiyotining eng nodir va muhim yodgorliklaridan biri sanaladi. Ushbu asar nafaqat badiiy-estetik qiymati, balki tarixiy, madaniy va lingvistik ahamiyati bilan ham alohida e’tiborga egadir. Asarda qadimgi eroniy xalqlarning ijtimoiy hayoti,madaniyati, an’ana va urf-odatlari, shuningdek, tarixiy xotirasi o‘zining yorqin ifodasini topgan. Shu jihatdan “Shohnoma” antroponimik materiallarning, xususan, ayollar ismining kelib chiqishi, semantikasi va tarixini o‘rganishda muhim manba vazifasini bajaradi. Mazkur maqolada asarda qayd etilgan ayollar ismlarining funksional va etimologik xususiyatlari hamda tarixiy-genetik asoslari tahlil qilindi.*

**KALIT SO‘ZLAR:** *“Shohnoma”, ism, ayollar ismlari, onomastika, toponomika*

## САРСУХАН

«Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ натанҳо шоҳкори халқи ориёнажод, балки оинаи фарҳанг, маданият, сиёсат ва низоми иҷтимоии рӯзгори бостон аст. Дар ин асари безавол тасвири ҷангҳои хунин,шуҷоату далерӣ ,қаҳрамониҳои паҳлавонон, инсонпарварӣ ва ватандӯстӣ мавқеи арзишмандро касб кардааст. Фирдавсии бузург образи бонувонро чунин тасвир мекунад, ки ҳатто дар баъзе ҷойҳо зан намунаи ибрат барои мардон аст.Тадқиқ ва баррасии ном ва симои бонувон дар ин асари беҳамто имкон медиҳад, ки хонанда назари Фирдавсиро нисбат ба ҷинси латиф дарк намояд ва

фаҳмад, ки аз нигоҳи ин ҳакими бузург, зан анбози баробарҳуқуқи мард, рамзи вафодорӣ ва ҳатто мардонагӣ мебошад.

**МУҲОКИМА ВА НАТИҶАҲО**

Ономастика як бахши забоншиносист, ки оиди ном ва номшиносӣ баҳс мекунад. Ин вожа маҳсуби забони юнонӣ буда, решааш "onoma" - ном аст.

Забоншинос Ҷ.Алимӣ дар китоби худ "Ономастика (назария ва амалия)" чунин мегӯяд:

"Ономастика [аз юнонии onomastikē - санъат ва маҳорати номгузорӣ] - бахши забоншиносӣ (лингвистика) аст, ки исмҳои хосро меомӯзад."[154]

Инчунин Ҷ.Алимӣ таъкид намудааст, ки дар паҳлӯи истилоҳи "ономастика" терминҳои "ономия" ва "антропономия" истифода мегардад, ки онҳо бахшҳои "ономастика" мебошанд, ки ба исмҳои хос марбутанд:

"Бо истилоҳи «ономастика» ҳамчунин маҷмӯи исмҳои хосеро ифода мекунанд, ки бо истилоҳи «онимия» корбурд мегардад. Дар баъзе матолибу тадқиқотҳо истилоҳи «ономастика» ба маънии «антропонимика» (исмҳои одамон) низ то замони ахир мавриди истифода қарор дода мешуд."[155]

Илми ономастика таърихи хеле қадимӣ дошта, ба он замонҳое, ки одамизод бо ҳамдигар мулоқот мекард, новобаста ба он ки бо кадом намуди алоқа, яъне хоҳ бо имову ишора, хоҳ бо овоз ва хоҳ бо аломат, яъне хат рафта мерасад.

Дар забоншиносии байналмилалӣ низ ономастика мавқеи ҷудогона дорад. Олимони гуногунзабони дунё бо сарварии Carole Hough (олими британиёӣ) дасттҷамъона китобе бо номи "The Oxford Handbook of Names and Naming" (Дастури Оксфорд оид ба номҳо ва номгузорӣ) аз ҷони нашриёти донишгоҳи Оксфорд, яъне "Oxford University Press" нашр шудааст ва дар он оиди илми ононмастика чунин гуфта мешавад:

"THE study of names, known as 'onomastics', is both an old and a young discipline. Since Ancient Greece, names have been regarded as central to the study of language, throwing light on how humans communicate with each other and organize their world. Socrates, Plato, Aristotle, and others were keenly interested in the relationship between names and referents, and this has continued to be a major theme of both philosophical and linguistic enquiry throughout the history of Western thought. The investigation of name origins, on the other hand, is more recent, not developing until the twentieth century in some areas, and being still today at a formative stage in others. Here the emphasis is on etymology,

---

[154] **Алимӣ Ҷ.** Ономастика (назария ва амалия). - Душанбе, 2017, саҳ. 57.
[155] **Алимӣ Ҷ.** Ономастика (назария ва амалия). - Душанбе, 2017, саҳ. 58.

systematically tracing the derivation of individual names back through time, and the resulting data have provided a rich evidence base for the investigation of historical and linguistic topics. Relatively new is the study of names in society, which draws on techniques from sociolinguistics and has gradually been gathering momentum over the last few decades”[156]

Тарҷума: “Омӯзиши номҳо, ки бо истилоҳи ономастика маъруф аст, ҳам як фанни қадимӣ ва ҳам ҷавон ба ҳисоб меравад. Аз замони Юнони Қадим номҳо ҳамчун унсури марказии таҳқиқи забон баррасӣ шуда, ба фаҳмиши он ки инсонҳо чӣ гуна бо ҳам муошират мекунанд ва ҷаҳони худро чӣ гуна низом медиҳанд, равшанӣ меандозанд.

Файласуфоне чун Суқрот, Афлотун, Арасту ва дигарон ба робитаи байни номҳо ва референтҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ доштанд. Ин масъала дар тӯли таърихи тафаккури ғарбӣ яке аз мавзӯъҳои асосии таҳқиқоти фалсафӣ ва забоншиносӣ боқӣ мондааст.

Аз ҷониби дигар, таҳқиқи пайдоиши номҳо нисбатан дертар рушд ёфта, дар баъзе соҳаҳо танҳо дар асри XX шакл гирифтааст ва то имрӯз дар баъзе самтҳо дар марҳилаи ташаккул қарор дорад. Дар ин ҷо диққати асосӣ ба этимология равона шудааст, ки ҳадафи он пайгирии низомноки сарчашма ва тағйирёбии номҳои алоҳида дар ҷараёни таърих мебошад. Маълумоти бадастомада заминаи бойи далелӣ барои таҳқиқоти таърихӣ ва забоншиносиро фароҳам овардааст.

Самти нисбатан нави дигар - омӯзиши номҳо дар ҷомеа мебошад, ки ба усулҳои сотсиолингвистика такя намуда, дар даҳсолаҳои охир тадриҷан рушд ва густариш ёфта истодааст.”

Аз фикрҳои болоӣ бармеояд, ки дар забоншиносии дунё низ илми ономастика мавқеи калон дорад ва дар маркази диққати олимон аст.

Илми мазкур дар забони тоҷикӣ низ решаи хеле амиқ дорад. Инро забоншинос Бурҳониддин Тӯраев дар мақолаи худ таҳти унвони “Аз таърихи пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули илми ономастикаи тоҷик” чунин зикр мекунад:

“Илми ономастикаи тоҷик дорои сарчашмаҳои муътамадест, ки дар таърихи фарҳанг ва тамаддуни башарӣ назир надорад. Қадимтарин сарчашмаи маводи ономастикии тоҷик китоби «Авесто» мебошад, ки китоби муқаддаси оини зардуштӣ буда, куҳантарин қисматҳои он «Яшт»-ҳо ба асрҳои VIII-VII-и қабл аз мелод рост меоянд.”[157]

[156] **The Oxford Handbook of Names and Naming** / ed. by C. Hough. - Oxford: Oxford University Press, 2016. Саҳ.23
[157] **Суханшиносӣ**: маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. - №1, саҳ.19

Бояд гуфт, ки Б. Тӯраев "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсиро "бебаҳотарин сарчашмаи ономастикӣ" ва "бузургтарин асари таърихӣ" медонад, чунин меорад:

"Бино ба шаҳодати бебаҳотарин сарчашмаи ономастикӣ, бузургтарин асари таърихӣ ва ҳаммосаи беназири ақвоми эронинажод - «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ соҳибмарзӣ, шаҳрдорию деҳдорӣ, давлату давлатдорӣ ва империотуриҳои мардуми эронинажод (ориёиҳо), аз ҷумла тоҷикон, аз хонадони Пешдодиён шурӯъ мешавад, ки нахустин сафҳаи таърихи башарият, хосатан сароғози таъриху рӯзгори ибтидоии ороиёиҳо - поягузорони тамаддунҳои имрӯзаи оилаи бузурги забонҳои ҳиндуаврупоӣ маҳсуб мешавад."[158]

Б.Тӯраев инчунин таъкид мекунад ки, "Шоҳнома"-и безаволи Фирдавсӣ танҳо асари бадеӣ ва ҳамосаи милли мардуми мо нест, балки сарчашмаи бебаҳоест, ки номҳои ашхос ва предметро то ба мо дар шакли зинда интиқол додааст:

"Бино бар ин, «Шоҳнома» танҳо асари бадеӣ ва ҳамосаи миллии ақвоми эронинажод набуда, балки гаронбаҳотарин сарчашмаест, ки номҳои ҷуғрофӣ ва номҳои ашхосро шурӯъ аз замони Пешдодиён то охири давлатдории Сосониён дар худ инъикос ва маҳфуз доштааст." [159]

Мо дар мақолаи мазкур кӯшиш намудем, ки номи бонувонро, ба бахши "антропономия"-и илми "ономастика" марбут аст, баррасӣ намуда решаҳои пайдоиш ва маънои онҳоро таҳлил намоем.

**ТАҲЛИЛ**

Инак аз абёти "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ намуна оварда таҳлил менамоем ва решаҳои таърихии онро аз фарҳангҳо пешкаш мекунем

**Таҳмина –** номи шоҳи Самангон, ҳамзамон зани Рустам ва модари Сӯҳроб. Решааш "Таҳм" аст, ки маънои паҳлавон, далер ҷасурро дорад:

Чу хандон шуду чеҳра шодоб кард, Варо ном Таҳмина Сӯҳроб кард. (писар таваллуд кардани Таҳмина ва Сӯҳроб ном ниҳодани он)

Забоншинос Ҷ.Алимӣ ин номро ба таври зайл таҳлил мекунад:

"**Таҳмина** ф. қ. Taxmanya, ф. м. ва ф. н. Таҳмина аз taxma «қавӣ» ва пасванди сифатии -anya сохта шуда, ба маънии «соҳиби қувва», «шуҷоъ» омадааст. Таҳмина, ба гуфтаи Б. А. Литвинский, сурати эпикӣ аст; дар «Шоҳнома» - духтари шоҳи Самангон, зани Рустам ва модари Сӯҳроби гурд". [160]

---

[158] **Суханшиносӣ**: маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. - №1, саҳ.19

[159] **Суханшиносӣ**: маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. - №1, саҳ.19

[160] Алимӣ Ҷ. Ономастика (назария ва амалия). — Душанбе, 2017, саҳ. 197.

Инчунин дар луғатҳои зер чунин омадааст:

1. Фарҳанги мухтасари "Шоҳнома":

"**Таҳмина** номи модари Сӯҳроб , зани Рустам"[161]

2. Wikipedia:

"**Таҳмина** (форс. تهمینه - часур, диловар) - номи занонаи аз форсӣ пайдошуда ("номи модари паҳлавон"). Дар Осиёи миёна ва Эрон паҳн шудааст.[162]

**Гурдорафарид -** Номи духтари Гуждаҳам ки бо разм бо Сӯҳроб дар "Шоҳнома" хеле машҳур аст. Инчунин тимсоли зани далеру ҷанҷӯст. Ин ном аз ду ҷузъ иборат аст:

Гурд+офарид. Гурд маънои паҳлавонро дорад:

Кушодаш рух он гоҳ Гурдофарид, Мар онро ҷуз ин ҳеҷ чора надид[163]. (дар Разми Сӯҳроб бо Гурдофарид чеҳраро кушодани Гурдофарид).

Ҷ.Алимӣ Гурдофаридро чунин таъриф медиҳад:

"**Гурдофарид** ф. м. ва ф. н. ошкоршаванда аз gurd-zāda, яъне «гурдзода», «зодаи паҳлавон», номи духтари Гаждаҳам дар «Шоҳнома»."

1. Фарҳанги мухтасари "Шоҳнома":

"**Гурдофарид** номи духтари Гаждаҳам"[164]

2. Wikipedia:

"**Гурдофарид** (форсӣ: گردآفرید) - паҳлавони зани эронӣ ва аргбади Дижи Сапед, духтари Гаждаҳам дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.

Мувофиқи ривояти «Шоҳнома», Гурдофарид духтари Гаждаҳам аст, ки нигаҳбони Дижи Сапед (қалъае дар марзи Эрон ва Турон) буд. Ҳангоми ба ин диж расидани лашкари Турон бо сарварии Сухроб писари Гаждаҳам -Ҳаҷир ба ҷанги Сухроб баромад, вале асир афтод. Гурдофарид ҷомаи разм пӯшида, аз паси Ҳаҷир ба ҷанги Сухроб рафт, вале ба муқобилати Сухроб тоб наоварда, майдонро тарк кард. Сухроб ҳангоми таъқиби Гурдофарид фаҳмид, ки бо духтар сарикор дорад. Гурдофарид бо рӯю мӯи зебо ва забони хуш Сухробро мафтун кард ва бо фиребу найранг аз асорати ӯ раҳо ёфт.

---

«Адиб», 1992. — Саҳ. 359.

[161] Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома» — Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». — Душанбе:

[162]https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%A2%D0%B0%D2%B3%D0%BC%D0%B8%D0%BD%D0%B0_(%D0%BD%D0%BE%D0%BC)

[163] Шоҳнома — Фирдавсӣ А. Шоҳнома. — Ҷ. 2. — Душанбе: «Адиб», 2010. — С. 237

[164] Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома» — Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». — Душанбе: «Адиб», 1992. — Саҳ. 108.

Гурдофарид мувофиқи тасвири Фирдавсӣ бо андешаву гуфтор ва кирдор таҷассуми шуҷоату далерӣ, ватандӯстӣ, матонату зебоӣ ва вафодорӣ мебошад. Гурдофариди Фирдавсӣ яке аз образҳои дӯстдоштаи мардуми Шарку Ғарб гаштааст. Дар эҷодиёти аксари адибон, шоирони гузашта ва имрӯза сухан аз мардонагиву матонат чун образи Гурдофарид тазаккур ёфтааст. Дар байни образи занон, ки адибони олам офаридаанд, Гурдофариди Фирдавсӣ дар мавқеи аввал аст. Мунаққиди рус Н. Гурдофарид Чернишевский бо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ шинос шуда, ба образи Гурдофарид баҳои баланд додааст ва ӯро аз образҳои офаридаи Шекспир (Дездемона, Ҷулетта) баландтар мегузорад: “Гурдофарид андоми зебо ва қавӣ дошта ва агар ҷавшан пӯшад, аз байни ҳамаи лашкари Турон дар ҷанги тан ба тан бо ӯ фақат Суҳроб тоб оварда метавонад; ҳарчанд дасти ӯ аз дасти Ҳаҷир камқувваттар аст, дили ӯ мустаҳкамтар, нигоҳаш бебоктар, ҳаракатҳояш чобуктар, зарбаҳояш нишонрастаранд. Вай аз занҳо аввалин ҳимоятгари Эрон аст. Ҳатто дар осори Шекспир аз симои ӯ латифтар нест. Дездемона ва ҳатто Ҷулетта дар зебоию нафосат аз ӯ поёнтаранд”[165]

**Моҳофарид** - номи канизаки Эраҷ:

Яке хубчеҳра парастанда дид,

Куҷо номи ӯ буд Моҳофарид.

1. Фарҳанги мухтасари “Шоҳнома”:

“**Моҳофарид** номи канизак ва маҳбубаи Эраҷ.

Номи духтари Тӯр. Номи духтари деҳқоне Номи яке аз занҳои Баҳроми Гӯр

2. “Бурҳони Қотеъ”-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон: “**Моҳофарид** (ماه آفريد) - номи канизаки Эраҷ буд ва баъд аз кушта шудани Эраҷ маълум гардид, ки ҳомила буда. Баъд аз он духтаре овард, Тур ном карданд ва Манучеҳр аз он духтар ба ҳам расид”

**Судоба -** Духтари шоҳи Ҳомоварон (Яман), зани Ковус ва модарандари Сиёвуш.

Чу Судоба рӯи Сиёвуш бидид, Пурандеша гашту дилаш бардамид [166](Ошиқ шудани Судоба бар Сиёвуш)

Таҳлили Ҷ.Алимӣ: “**Судоба** [аз suta «суд», «фоида» ва пасвандҳои мансубии -āv + -anhu ] «судовар», «дорои суд», номи зани Кайковус дар «Шоҳнома».”[167]

1. Фарҳанги мухтасари “Шоҳнома”: “**Судоба** номи зани подшоҳ Кайковус”[168]

---

[165]https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%93%D1%83%D1%80%D0%B4%D0%BE%D1%84%D0%B0%D1%80%D0%B8%D0%B4

[166] Шоҳнома — Фирдавсӣ А. Шоҳнома. — Ҷ. 2. — Душанбе: «Адиб», 2010. — С. 355

[167] Алимӣ Ҷ. Ономастика (назария ва амалия). — Душанбе, 2017, саҳ. 196.

[168] Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома» — Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». — Душанбе: «Адиб», 1992. — Саҳ. 342.

2. Wikipedia: “**Судоба** (форсӣ: سودابه) - яке аз шахсиятҳои «Шоҳнома», духтари шоҳи Ҳомоварон (Яман). Шоҳи Эрон Кайковус ӯро ба муқобилати падараш нигоҳ накарда, ба занӣ гирифт. Судоба ба писари Ковус - Сиёвуш ишқ баста, бо макру ҳила ӯро ба худ моил карданӣ шуд. Сиёвуши поктинат ин ишқи ноҷоизро рад намуд ва бар асарикинахоҳии Судоба ба ранҷу азоб дучор омад ва оқибат дар Турон ба ҳалокат расид. Пас аз расидани хабари марги Сиёвуш Рустам Судобаро кушт. Фирдавсӣ дар оғози достон ниобат ба Судоба назари нек дорад. Ба замми ин дар тасвири шотар Судобазани зебою накӯст. Вале пас аз тaашшуқи ӯ бо Сиёвуш ва хиёнат ба шавҳар назари Фирдавсӣ тағйир ёфта, Судоба ҳамчун маккораи бадкирдор тасвир мешавад.”[169]

**Хулоса**

Пажӯҳиши антропонимҳои занона дар «Шоҳнома»-и Фирдавсии Тӯсӣ нишон медиҳад, ки номи бонувон дар ин шоҳкори адабӣ танҳо як унсури оддии номгузорӣ ё васоити зебоии асар набуда, балки бори амиқи таърихию фарҳангиро бар дӯш дорад. Дар ин асар номҳои занона ба таври тасодуфӣ интихоб нагардидаанд, балки ҳар яке аз онҳо ифодакунанандаи ҷаҳони ботинӣ, зебоии зоҳирӣ, нажод ва рисолати таърихии соҳиби худ мебошанд. Фирдавсии бузург бо интихоби номҳое чун Таҳмина, Гурдофарид,Рӯдоба,Судоба ,Синдухт ва Манижа тавонистааст, ки хислатҳои персонажҳояшро аз қабили хирад, порсоӣ, далерӣ ва вафодорӣ ҳанӯз дар пардаи номи онҳо ба хонанда шиносоӣ намояд. Таҳлили номҳо устувор месозад, ки зан аз нигоҳи Фирдавсӣ ва дар тамаддуни бостонии аҷдодии мо аз ҷойгоҳи баланди сиёсию иҷтимоӣ бархӯрдор будааст. Бонувони «Шоҳнома» на фақат модари паҳлавонон ё ҳифзкунандаи насли шоҳон, балки дар лаҳзаҳои ҳассоси таърихӣ ҳамчун сиёсатмадорони дурандешу мушовирони хирадманд дар таъйини сарнавишти мамлакат нақши ҳалкунанда бозидаанд. Маркази аслии образи бонувонро унсури далерию шуҷоатмандӣ ташкил медиҳад, ки дар лаҳзаҳои бухронии рӯзгор аз мардон дида бештар ба ақлу тадбир такя кардани онҳоро нишон медиҳад. Дар маҷмӯъ, номҳои бонувон дар «Шоҳнома» устувории ҷойгоҳи зан, арзиши хоссаи ӯ дар ҷамъият буда, хулосаҳои ин пажӯҳиш барои омӯзиши баъдинаи таърихи забон, ҷомеашиносии бостон ва устурашиносии миллии мо заминаи муҳими илмӣ мегузорад.

## ФЕҲРАСТИ АДАБИЁТ

**1.**Алимӣ Ҷ. Ономастика (назария ва амалия). -Душанбе, 2017.

[169] https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%A1%D1%83%D0%B4%D0%BE%D0%B1%D0%B0

**2.**Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX–X): қисми 1: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. -Душанбе.

**3.**Фирдавсӣ А. Шоҳнома. - Ҷ. 1. - Душанбе: «Адиб», 2010.

**4**.Фирдавсӣ А. Шоҳнома. - Ҷ. 2. - Душанбе: «Адиб», 2010.

**5.**Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». - Душанбе: «Адиб», 1992.

**6**. Суханшиносӣ: маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. - №1,

**7.** The Oxford Handbook of Names and Naming / ed. by C. Hough. - Oxford: Oxford University Press, 2016.

**СОМОНАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ**

**1.**https://tg.wikipedia.org

2. https://ziyonet.uz/ru

3.https://khirad.tj

4.https://donishju.net